Ба Шурои диссертатсионии 6D.КОА-019-и
назди Донишгоҳи миллии Тоҷикистон
(734025, ш. Душанбе, хиёбони Рӯдакӣ 17)

ТАҚРИЗ

ба автореферати диссертатсияи Миралиев Салоҳиддин Абдусаломович дар мавзуи «Таъини ҷазои сабуктар нисбат ба ҷазое, ки барои ин ҷиноят пешбинӣ шудааст (масъалаҳои назариявӣ ва амалӣ)», ки барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ аз рӯйи ихтисоси 12.00.08. – Ҳуқуқи ҷиноятӣ ва криминология; ҳуқуқи иҷрои ҷазои ҷиноятӣ (илмҳои ҳуқуқшиносӣ) пешниҳод шудааст (Душанбе, 2022. – 20 саҳ).

Имрӯз масъалаи мубрамтарин дар самти ҳуқуқтатбиққунӣ таҳияи усули аз ҳама бештар мусоид ва асосноки фардикунонии ҷавобгарии ҳуқуқи ҷиноятӣ ба ҳисоб меравад. Дар ин самт аҳаммиятноктараш ошкор намудани доираи бо қонунгузорӣ муқарраршудаи салоҳдиди судҳо ба назар мерасад, ки ба хусусияти таҷрибаи ягонаи ҳуқуқтатбиққунии судҳо таъсир мерасонад.

Дар доираи самти ишорашуда аҳаммияти калонро принсипи фардикунонии ҷазо ҳангоми таъини ҷазо аз ҷониби суд дорад. Зимнан он ҳолатеро қайд намудан зарур аст, ки на ҳама вақт муқоисаи чунин нишондиҳандаҳо ба монанди шахсияти ҷинояткор ва ҷинояти мушаххас бо хавфи ҷамъиятии кирдор аз нигоҳи риояи принсипҳои инсондӯстӣ, адолат ва фардикунонӣ имконпазир аст.

Дар чунин ҳолатҳо барои татбиқи принсипҳои зикргардида ва хавасмандгардонии рафтори мусбати шахс пас аз содир намудани ҷиноят қонуни ҷиноятӣ қоидаи махсусро бо баромадан аз доираи ҷазоҳои дар санксияи моддаи дахлдори Кодекси ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон (минбаъд - КҶ ҶТ) пишондодашуда муқаррар сохтааст. Маҳз чунин қоидаро м. 63 КҶ ҶТ пешбинӣ менамояд. Ин модда ҳамчун ифодагари принсипҳои адолат ва инсондӯстӣ, барои таъмини ҳадди ақали зарурӣ ва

татбиқи сарфакоронаи ҷазо барои таъмини ноилшавии мақсадҳои ҷазо равона шудааст.

Мубрамияти таҳлили илмии ҷанбаҳои гуногуни м. 63 КҶ ҶТ бо талаботи мақомоти судӣ вобаста ба мавҷуд набудани таҷрибаи ягонаи татбиқи он сабаб шудааст.

Аксар вақт судҳо ба сифати ҳолатҳои мустаснои ҳамаи ҳолатҳои сабуккунандаи дар қонун номбаршуда ва номбарнашударо эътироф менамоянд. Зимнан, онҳо бисёр вақт сабабҳои «мустасноӣ» эътироф намудани ҳолатҳои сабуккунандаи номбаршударо асоснок наменамоянд ва баён намекунанд, ки чӣ тавр ҳолатҳои зикргардида дар ҳолати мушаххас дараҷаи хавфноки ҷамъиятиро хеле кам менамоянд ва барои чӣ онҳо асос барои татбиқи м. 63 КҶ ҶТ баромад мекунанд. Бинобар ин, масъалаи «Таъини ҷазои сабуктар нисбат ба ҷазое, ки барои ин ҷиноят пешбинӣ шудааст (масъалаҳои назариявӣ ва амалӣ)», ки таҳқиқбаранда Миралиев С.А. рисолаи илмии худро дар ин хусус ба анҷом расонидааст, яке аз масъалаҳои мубрам ба ҳисоб меравад ва натиҷаҳои таҳқиқоти анҷомдодашуда барои назария ва амалияи ҳуқуқи ҷиноятӣ аҳаммияти калонро соҳибанд.

Аз таҳлили амиқ ва баррасии ҳамаҷонибаи масъалаҳои дар автореферат зикргардида ба хулосае омадан мумкин аст, ки сохтори таҳқиқот пай дар пай ва бо риояи мантиқи илмӣ таҳия гардидааст. Автореферати диссертатсия ҳамаи талаботҳои ҷойдоштаро дар худ ғунҷонида, натиҷаҳои пурра ва босамари таҳқиқотро ифода намудааст.

Муаллиф масъалаи «Таъини ҷазои сабуктар нисбат ба ҷазое, ки барои ин ҷиноят пешбинӣ шудааст (масъалаҳои назариявӣ ва амалӣ)», бо дарназардошти ҷанбаҳои таърихӣ, яъне бо истифода аз таҷрибаи низомҳои таърихӣ-ҳуқуқии Тоҷикистон баррасӣ намуда, низоми ҳуқуқии шӯравиро бо низоми ҳуқуқи муосири Тоҷикистон муқоиса карда, хулосабарорӣ намудааст. Дар ин замина, як қатор нуктаҳои илмӣ ва тавсияҳои амалиро пешниҳод намудааст, ки онҳо барои такмили қонунгузории кишвар бисёр пураҳаммият мебошанд. Диссертант

таҳқиқоти рисолаи илмии худро дар заминаи қонунгузории миллӣ ва санадҳои меъёрии ҳуқуқии байналмилалӣ анҷом дода, тавассути он роҳҳои ҳал ва такмили қонунгузории соҳавиро пешбинӣ намудааст.

Аз мазмуну мухтавои автореферати мазкур бармеояд, ки муаллиф вазифаҳои дар наздаш гузошташударо то ҳадди зарурӣ ҳал намудааст, вале новобаста аз ин, ҳанӯз баъзе масъалаҳое дар ин самт ҷой доранд, ки таҳлилу баррасии алоҳидаро талаб менамоянд. Аз ҷумла:

1. Зимни омӯзиши таҳқиқоти диссертатсионӣ муайян гардид, ки муаллиф дар саҳифаи автореферати диссертатсия аз барномаҳо, стратегияҳо, консепсияҳо истифода набурдааст. Аммо мувофиқи мақсад мебуд агар муҳаққиқ аз барномаҳо, стратегияҳо ва консепсияҳо истифода мебурд.

2. Андешаи муаллиф дар мавриди он, ки аз ҳолатҳои сабуккунандаи дар қ. 1 м. 61 КҶ ҶТ мустаҳакамшуда ба сифати ҳолати мустасної танҳо ҳолатҳои дар б.б. «д», «е», «ж», «з», «и», «к» муқарраршуда баромад менамоянд (саҳ. 14), шубҳаовар буда, ба таҷрибаи судии татбиқи м. 63 КҶ ҶТ мувофиқат намекунад. Зеро ҳолатҳои дигари дар м. 61 КҶ ҶТ мустаҳакам шуда низ ба монанди ҳомиладор будан, ноболиғ будани гунаҳкор метавонанд дараҷаи ба ҷамъият хавфноки шахсияти гунаҳкорро кам намуда ҳамчун асос барои татбиқ намудани м. 63 КҶ ҶТ бошанд.

Мулоҳизаҳои мазкур ҳангоми баҳодиҳии мусбати автореферати таҳқиқоти диссертатсионӣ нақши муайянкунандаро намебозанд ва танҳо шаҳодати он мебошанд, ки масъалаҳои баррасишаванда хеле муҳим буда, мураккаб ва баҳсноканд.

Дар маҷмуъ, аз таҳлилу баррасии автореферати мазкур ба хулосае омадан мумкин аст, ки Миралиев Салоҳиддин Абдусаломович ҳангоми навиштани рисолаи илмӣ дар мавзуи «Таъини ҷазои сабуктар нисбат ба ҷазое, ки барои ин ҷиноят пешбинӣ шудааст (масъалаҳои назариявӣ ва амалӣ)» қобилияти баланди эҷодкорӣ нишон додааст. Автореферати диссертатсия ва дастгоҳи илмии таҳқиқот ба талаботи муқаррарнамудаи

Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон чавобгӯ буда, муаллифи он сазовори дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ аз рӯйи ихтисоси 12.00.08. – Ҳуқуқи ҷиноятӣ ва криминология; ҳуқуқи иҷрои ҷазои ҷиноятӣ (илмҳои ҳуқуқшиносӣ) мебошад.

Тақриздиҳанда:

Котиби Шурои олимони Академияи
ВКД Ҷумҳурии Тоҷикистон, номзади
илмҳои ҳуқуқшиносӣ, дотсент,
полковники милитсия А.А. Абдурашидзода

Имзои А.А. Абдурашидзодаро тасдиқ мекунам
Сардори ШК ва КҲШ Академияи ВКД
Ҷумҳурии Тоҷикистон,
подполковники милитсия Музафарзода Б.З.

Суроға: Ҷумҳурии Тоҷикистон, Муассисаи таълимии таҳсилоти олии касбии «Академияи Вазорати корҳои дохилии Ҷумҳурии Тоҷикистон», 734012, ш. Душанбе, кучаи М. Мастонгулов. 3 тел: + (992 37) 226-36-13, 226-33-92, 226-28-92 факс: +(992 37) 226-30-19. Веб сайт www.avkd.tj, E-mail - avkdtj.@mail.ru

«12» 01 2023 с.